**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дар мавзӯи «Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод»-и Абдулҳамид Самад» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – адабиёти тоҷик**

Дар даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи баланд бардоштани ҳувияти миллӣ ва ҳисси худшиносии халқи тоҷик ба яке аз масъалаҳои асосии адабиёти бадеӣ табдил ёфт ва бо ҳамин мақсад аз ҷониби адибони тоҷик даҳҳо асарҳои хурду бузург таълиф гардиданд. Дар ин миён романи «Гардиши девбод»-и Абдулҳамид Самад ҷойгоҳи хоссаи худро дорад. Ин роман инъикоси бадеии таърихи қариб якасраи халқи тоҷикро дар мисоли ҳаёти пурмоҷарои мардуми як мавзеи муайян дар бар гирифта, дар бедории ҳисси ватандӯстӣ, беҳдошти асолату ҳувияти миллӣ ва ваҳдату ҳамбастагии ҷомеа таъсиргузор аст. Ба ҳамин хотир, нақду баррасии романи мазкур аз нигоҳи худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ аз масъалаҳои муҳимму зарурии улуми адабиётшиносӣ буда, кори анҷомдодаи диссертант дар ин мавзӯъ арзандаи таҳсин ва тақдир аст.

Маълум аст, ки Абдулҳамид Самад аз нависандагони соҳибном ва шуҳратёри тоҷик буда, асарҳои алоҳидаи ӯ аз ҷониби муҳаққиқон ва мунтақидони ватанӣ дар доираи мақола ва монографияҳои илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, кори анҷомдодаи Ҳайдарова С. таҳқиқоти комилан нави илмӣ буда, унвонҷӯ мавзӯи муҳим, актуалӣ ва арзишмандро ба ҳайси рисолаи илмӣ интихоб намудааст. Навгонии мавзӯъ дар он зоҳир меёбад, ки бори аввал романи «Гардиши девбод» ба таври густардаву амиқ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, арзиши бадеию зебоишинохтӣ ва иҷтимоию ахлоқии он муайяну равшан гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва тарҷумаи русии он мувофиқ ба талабот таҳия гардида, фарогири мундариҷаи мухтасари диссертатсия

мебошад. Дар он аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳо ва навгониҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои истифодашуда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои назариявӣ-методологии кори анҷомёфта, инчунин нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда мувофиқи талабот баён гардида, саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқи мавзӯи мазкур ва татбиқи амалии натиҷаҳои он муайян карда шудааст.

Тавре аз автореферати диссертатсия бармеояд, кори илмии мазкур аз се боб иборат буда, ҳар як боб дар навбати худ ба фаслҳои алоҳида ҷудо карда шудааст. Боби аввал «Абдулҳамид Самад ва эҷодиёти ӯ» унвон дошта, дар чор қисмати он масъалаҳои гуногуни марбут ба рӯзгору осори нависанда мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар фаслҳои савум ва чоруми ҳамин боб муаллиф ба таҳлилу баррасии хусусиятҳои сохториву мундариҷавӣ ва образҳои мусбату манфии асар пардохтааст. Инчунин унвонҷӯ дар мисоли образҳои ҳамсони асарҳои алоҳидаи нависанда робитаи мундариҷавӣ ва сохтории осори нависандаро муайян намудааст.

Боби дуюми диссертатсия «Таҷассуми бадеии таърих дар романи «Гардиши девбод» номгузорӣ шуда, дар се фасли он тасвири бадеии се давраи пурфоҷиаи ҳаёти халқи тоҷик: Инқилоби Бухоро, давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва даврони ҷанги шаҳрвандӣ дар асар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби савуми кори илмӣ «Хусусиятҳои миллии роман» ном дошта, фарогири се фасл аст. Дар ин боб диссертант ба таҳқиқи ҷанбаи миллии роман ва сабки фардии муаллифи он пардохтааст.

Ба ҳамин тартиб, автореферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои кори анҷомдодаи муаллифро ба пуррагӣ дар бар гирифта, тарзи нигориши он аз мустақилияти фикрӣ, ҷустуҷӯйҳои илмӣ ва кӯшиши навгӯйии муаллиф дарак медиҳад. Ҷанбаҳои илмӣ, методологӣ, мантиқӣ ва имлоию услубии автореферат ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Мавзӯъ дар доираи таҳқиқи рисолаи илмӣ ҳалли худро ёфта, муаллиф тавонистааст аз уҳдаи ҳалли мақсаду вазифаҳои дарпешгузоштааш ба хубӣ барояд.

Дар баробари комёбиву муваффақиятҳои хуби илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ, аз қабили ғалатҳои имлоию техникӣ ва парокандагии фикрӣ дар матнҳо ҷой доранд. Вале норасоие, ки гуфтем, каму назарногир ва ислоҳпазир буда, моҳият ва арзиши илмии авторефератро кам карда наметавонад.

Диссертатсияи Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дар мавзӯи «Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод»-и Абдулҳамид Самад» кори анҷомёфтаи илмӣ ва ба талаботи пешгузоштаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – адабиёти тоҷик сазовор аст.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав: Тағоймуродов Р.Ҳ.**

**Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав: Аҳмадов С.Г.**

**Имзои Р.Ҳ. Тағоймуродов ва С.Г. Аҳмадовро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ДДБ**
**ба номи Носири Хусрав: Шукурзод Ҷ.А.**

**Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ 67,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53**
**E-mail: ktsu78@mail.ru**